Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**
**ба диссертатсияи Қурбонова Руқия Атоевна**
**«Ташаккули институти Пешвои миллат дар системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Р.А. Қурбонова «Ташаккули институти Пешвои миллат дар системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо. равандҳо ва технологияи сиёсӣ пешниҳод гардидааст, ба самти ихтисоси интихобнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мувофиқат менамояд. Яъне. мавзуъ, мақсад, вазифаҳо ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисос комилан мутобиқат менамояд. Таҳқиқи институти «пешвои миллат» ҳамчун як ниҳоди сиёсӣ, баррасии раванди ташаккулёбии он дар шароити таърихии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва таҳлили таъсири он ба равандҳои сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ бевосита дар доираи самтҳои таҳқиқотии ихтисоси мазкур қарор дорад. Таҳлили муҳтавои кори таҳқиқотии анҷомдода нишон медиҳад, ки муҳаққиқ дар баррасии паҳлӯҳои назариявию амалии мавзуъ муваффақ шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Фаъолияти ҳамаҷонибаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маркази таваҷҷуҳи махсуси муҳаққиқон – сиёсатшиносон, файласуфон ва ҷомеашиносону ҳуқуқдонон қарор дорад. Ҳамзамон, нақши муаррихон низ арзанда аст, ки фаъолияти Пешвои миллатро дар пасманзари раванди таърихӣ ва таҳаввулоти азими ҷомеаи мо мавриди таҳқиқу таҳлилу арзёбӣ қарор медиҳанд. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат», ки 26 октябри соли 2016 аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, сароғози баррасии ин падида дар фазои иттилоотию муҳити илмӣ гардид. Сабаби баррасии қонуни мазкур дар он буд, ки якчунин таҷриба дар таърихи навтарини давлат падидаи нав ва нодир буд. Бояд таъкид кард, ки баррасии ин мавзуъ аз тарафи зиёиёни тоҷик ҳанӯз дар соли 2011 оғоз ёфта буд.

Сарфи назар аз он ки дар бораи пешвой–сарварӣ дер боз бисёр сухан мегӯянд ва менависанд, то ҳанӯз ба чунин саволҳои сода ҷавоби аниқ ва равшан дода нашудааст: «Шахсият чун пешво ташаккул меёбад ё таваллуд мешавад? Кадом омил сабаб мешавад, ки пешвои миллӣ қобилияти аз паси худ бурдани пайравону ҳаммаслаконашро пайдо мекунад? Чаро дар сурати сифатҳои шахсии якхела, яке пешвои эътирофшуда мегардад, вале дигаре не?» Аз назари мо, зоҳиран, ҷавоб ба ин «чаро» ва «чи гуна» хонандаи муосирро, ки мехоҳад ҷавоби умумӣ ва дар айни замон сода ба саволҳои зикршударо дарёфт намояд, қонеъ намесозад.

Пешвоӣ чун падидаи иҷтимоӣ, сиёсӣ, таърихӣ, фалсафӣ ва равоншиносӣ ончунон миқёснок, зиддиятнок ва гуногуншакл аст, ки эҳтимолан дар таҳқиқи он ҳеҷ гоҳ нуқта гузошта нахоҳад шуд. Замона тағйир меёбад, одамон дигар мешаванд, таҷрибаи пешвоёни гузашта таҳлил ва ҷамъбандӣ мешавад, аммо дар ҳар лаҳзаи замонӣ аз тарафи ҷомеа ба сифати пешво шахсе эътироф хоҳад шуд, ки посухгӯйи орзую омоли имрӯзаи мардум буда, тамоюли онҳо ба ояндаро пайгирона амалӣ месозад ва кафолат медиҳад.

Кори илмӣ-таҳқиқотии Р.А. Қурбонова бо дарназардошти зарурати омӯзиши мавзуъ дар шароити муосири рушди Тоҷикистон мубрамиро соҳиб мебошад. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки корҳои таҳқиқотӣ ва рисолаҳои илмӣ оид ба мавзуи мазкур дар таҷрибаи илмҳои сиёсии ватанӣ яке аз аввалин диссертатсияҳое маҳсуб меёбад, ки ба таҳлилу омӯзиш ва баррасии фарогири масоили ҳам назариявӣ ва ҳам амалии падидаи «пешвои миллӣ», хусусияти зоҳиршавии он, таҳлили заминаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ташаккули институти Пешвои миллат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушаххаснамоии зарурат ва аҳаммияти институти мазкур барои рушди давлатдории муосир ва мустақил ва таъсири унсурҳои он ба раванди идоракунии сиёсӣ бахшида шудааст.

Дар мақолаҳо ҷанбаҳои гуногуни падидаи пешвоии Эмомалӣ Раҳмон инъикос ёфтанд, барои мисол «Ҷанбаҳои сиёсӣ ва маънавӣ – ахлоқии Қонун», «Пешвои миллат ва эҳёи анъанаҳои миллӣ», «Пешвои миллат – асосгузори робитаҳои байналмилалии Тоҷикистон», «Пешвои миллат ва истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон», «Пешвои миллат – намуна барои пайравии ҷавонон», «Пешвои миллат – ифтихори халқи Тоҷикистон», «Пешвои миллат ва ваҳдати миллӣ», «Пешвои ташаккулдиҳандаи фазои солими ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар кишвар», «Пешвои миллат ва рушди забони миллӣ», «Пешвои миллат – илҳомбахши мардум», «Пешвои миллат – ҳидоятгари ислоҳоти иқтисодӣ», «Пешвои миллат ва амнияти экологӣ», «Пешвои миллат ва рушди илм», «Пешвои миллат ва рушди энергетика», «Пешвои миллат – кафили устувории давлати миллӣ ва соҳибихтиёр» ва ғайра.

Падидаи сарварӣ умуман ва ҳар пешвои мушаххаси миллӣ таваҷҷуҳи намояндагони мактабҳои мухталифи илмии ҷаҳони муосирро ба худ ҷалб менамояд. Мавзуи мазкур на танҳо дар маркази диққати

олимони назарияшинос, ки машғули таҳқиқоти илмӣ дар бораи инсон, ҷомеа, сиёсат, равоншиносӣ, фалсафа, таърих ва дигар соҳаҳои фанҳои гуманитарӣ мебошанд, қарор дорад, балки таваҷҷуҳи аҳли амал – яъне сиёсатмадорони касбӣ, менеҷментҳо ва онҳое, ки бо ҷомеа робитаи мустақим доранд ва дигаронро низ ҷалб намудааст.

Аз назари илмҳои сиёсӣ таҳлил намудани шаклгирии институти Пешвои миллат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши Пешвои миллат дар ҳифзи суботу ваҳдат, тарғиби идеяҳои миллӣ, татбиқи ҳадафҳо ва барномаҳои стратегии ҷумҳурӣ муҳим мебошад. Интихоби мавзуъ ва омӯзиши паҳлӯҳои назариявию амалии он, ки дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир, ки бо бухронҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва таҳдидҳои нави амниятӣ рӯ ба рӯст, нақши сарварони сиёсӣ ва пешвоёни миллӣ дар таъмини субот, ваҳдат ва рушди устувори давлатҳо меафзояд. Барои Тоҷикистон, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ аз вартаи ҷанги шаҳрвандӣ ва хатари парокандагӣ раҳо ёфт, омӯзиши илмии таҷрибаи давлатсозӣ таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Диссертатсия ба дарки амиқи заминаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии ташаккули ин ниҳоди сиёсӣ ва нақши он дар таҳкими давлатдории навини тоҷикон мусоидат мекунад, ки ин амр мубрамии таҳқиқотро боз ҳам меафзояд.

Мубрамии таҳқиқоти анҷомдодашуда, ҳамзамон ба он алоқаманд аст, ки бо мурури инкишофи ҳаёти сиёсии ҷомеа ва ташкили давлатҳои миллӣ мақом ва ҷойгоҳи пешвои миллӣ ба арзишҳои давлатдории миллӣ вобастагии амиқ пайдо кард ва андешаи «пешвои тавоно – омили бунёдии ташаккули давлати тавоно» дар шуури ҷамъиятӣ ва таҷрибаи давлатдорӣ аҳаммияти хоса пайдо намуд. Баробари ташаккули давлатҳои миллӣ институти пешвои миллат низ ба ҷузъи муҳимми идораи давлат ва равандҳои сиёсӣ табдил ёфта, омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни падида ва нақши он дар системаи давлат муҳим гардид.

Бояд гуфт, ки ҳар як миллат ҳақ дорад ва бояд ба фарзандони барӯманди худ эҳтиром ва арҷ гузорад. Дар таърих шахсиятҳое зуҳур менамоянд, ки зиндагинома ва фаъолияти онҳо роҳи асосии рушди як мардум ва давлатро муайян менамояд. Яке аз чунин шахсиятҳо арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки фаъолияти ӯ ба ганҷинаи санъати сиёсӣ дохил шудааст. Исми ӯ ба рамзи халқи тоҷик табдил ёфтааст, роҳи тайкардаи ҳаёти ӯ намунаи муҳаббат ва садоқат ба Ватан гардида, беҳамто будани ӯ ба олимон имкон медиҳад, ки мафҳуми «беназирии (феномени) Эмомалӣ Раҳмон»-ро ба гардиши илмӣ ворид созанд.

Вобаста ба омилҳои болозикр, омӯзиши мавзуъ дар замони имрӯза на танҳо аз дидгоҳи сиёсӣ, балки аз нигоҳи илмҳои дигар низ муҳим ба назар мерасад.

**Дарачаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти анҷомдода дар инкишофи мактаби сиёсии Пешвои миллат, ки айни замон, мавриди омӯзишу пайгирии доираҳои илмӣ қарор дорад, саҳми назаррас хоҳад расонид.

Мавзуи диссертатсия, ки ба мавзуи ташаккули институти Пешвои миллат дар системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, дар рушди илмҳои сиёсии ватанӣ саҳми назаррас дорад. Дар доираи корҳои анҷомдода, муаллиф асосҳои назариявӣ, муҳтаво ва мундариҷаи мафҳуми Пешвои миллат ва таносуби он бо мафҳумҳои дигари ифодакунандаи роҳбарии сиёсиро муайян кард, заминаҳои иҷтимоию сиёсии ташаккули институти Пешвои миллат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, зарурат ва аҳаммияти институти мазкур дар ташаккул ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба таври мушаххас нишон дод. Ҳамзамон, аҳаммият ва таъсири институти Пешвои миллат дар инъикоси идеяи миллӣ, алоқамандии падидаи Пешвои миллат бо такмилу тақвияти мазмуниву шароити амалишавии идеяҳои миллӣ нишон дода, мақоми Пешвои миллат дар таъмини суботи сиёсӣ, бадастории ваҳдати миллӣ, танзими хавфу хатарҳо, баҳамории миллат, гирифтани пеши роҳи парокандагии миллӣ мушаххас кард. Инчунин дар таҳқиқот ислоҳоти бунёдии тамоми сохтори давлатдории миллӣ, татбиқи консепсияҳо ва барномаҳои стратегии рушд ва таҳаввули сохтори конститутсионии давлат бо дарназардошти далелҳои муътамад ва ҳолати воқеии пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷагирӣ карда шуд. Муаллиф, нақш ва мақоми Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмонро дар ҳалли масоили глобалӣ, муаррифии зарфият ва имконияти давлат дар арсаи байналмилалӣ, тавсеаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлили сиёсӣ намуда, дурнамои инкишофи давлат ва ҳадафҳои стратегии рушд бо дарназардошти мактаби ғании давлатдории Пешвои миллатро нишон дод.

Нуқтаҳои меҳварие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, пурра ба мантиқ ва тарҳрезии таҳқиқот, инчунин ба мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия муқарраршуда мувофиқат менамоянд, ки ин ҳолат далели равшани мавҷудияти таҳлилҳои амиқ, мулоҳизаҳои мантиқӣ ва хулосаҳои илмии асоснок дар ҷараёни кор ба шумор меравад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ муаллиф мубрамии мавзуи таҳқиқотиро ба таври мушаххаст нишон додааст. Аз назари муаллиф, дар низоми роҳбарии сиёсӣ ва давладории миллӣ ҷойгоҳ ва мақоми институти «Пешвои миллат» асосӣ буда, заруpату аҳаммияти он дар мушкилтарин ва мураккабатрин лаҳзаҳои таърихии инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ, раҳнамоии дурусту дурбинонаи равандҳои ояндаи рушди Тоҷикистон собит гардидааст. Бинобар ин, ҳифзи ҳуқуқию маънавии он

аз ҷониби оммаи кишвар ва бо мақсади нигоҳдошти меросии институти мазкур тарғиби солими арзишҳои он миёни насли наврас муҳим мебошад.

Нуқтаи дигари меҳварии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки воқеаҳои солҳои соҳибистиқлолӣ нақш ва мақоми баланди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар самти муайянсозии роҳҳо ва усулҳои рушди давлат ва қобилияти фавқулодаи идоракунии бомуваффақияти раванди давлатдорӣ нишон доданд. Рӯйдодҳои гуногуни сиёсию иқтисодӣ собит намуданд, ки хусусиятҳои сарварӣ ва нишонаҳои шахс ба ҳайси пешвои ҷомеа маҳз дар ҳолатҳои буҳронӣ бештар зоҳир мегарданд.

Вобаста ба ин, дар як ҷомеаи рушдёбанда таваҷҷуҳ ба ҳастии Пешвои миллат боз ҳам меафзояд, зеро дар ташаккули намунаи ҳокимияти миллӣ нақши Пешвои миллат омили меҳварӣ мебошад. Ин нақш дар он зоҳир мешавад, ки Пешвои миллат имкон дорад, ки тавассути истифодаи салоҳияти худ метавонад неруи инсонӣ ва иқтидори моддии кишварро баҳри ҳалли мушкилоти мавҷуда дар ҷомеа равона созад ва ба мушкилоти пешомада сари вақт вокуниши мусбат нишон дода, низоми мавҷударо ба равандҳои муосир мутобиқ созад.

Ҳамзамон, аз назари муаллиф, оид ба институти «пешво», дар мисоли Пешвои миллат ва нақши он дар таъмини рушди босубот ва ваҳдати ҷомеа миёни муҳаққиқон нигоҳ ва арзёбии ягона ҷой надорад. Дар солҳои охир, падидаи Пешво ва сарварии сиёсӣ аз тарафи олимон ва коршиносони тамоми ҷаҳон ҳамчун омили рушди устувори ҷомеа баҳогузорӣ карда мешавад. Дар ин росто нигоҳҳои мусбат ва акси он аз таҷрибаи таҳлили давраҳои гуногуни рушди ҳаёти сиёсии миллату кишварҳо зиёданд. Дар таҷрибаи сиёсӣ ва амалии давлатдорӣ ва дар доираҳои илмию академикии Тоҷикистон бошад, чунин нигоҳҳо маъмулан ягона ва мусбат мебошанд. Ин ҷиҳатро маҷмуи дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол ва шумораи зиёди осори гаронмояи ҷомеашиносони ватанӣ тасдиқ менамоянд. Он ҷиҳат эътирофи худро пайдо мекунад, ки ҷомеа ҳамеша ба Пешвои тавоно ва бомаърифате ниёз дорад, ки масъулияти баланди шаҳрвандӣ дошта, дар ҷаҳони технологию пур аз рақобат омода аст мустақилона ҳадафҳоро мушаххас намояд, ба онҳо ноил гардад ва дар вазъиятҳои гуногуни барои ҳаёти давлату миллат зарурӣ қарорҳои муфиду тақдирсоз қабул карда тавонад.

Дар асоси андешаҳои боло бо далелҳои асоснок, институти Пешвои миллат ва ташаккули он дар системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Диссертатсияи Р.А. Қурбонова «Ташаккули институти Пешвои миллат дар системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз ду боб ва шаш зербоб таркиб ёфтааст. Дар боби якум асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи заминаҳои ташаккули институи Пешвои миллат дар низоми идоракунии ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ ва хулосагириҳои

илмӣ қарор гирифтааст. Боби якум аз се зербоб иборат мебошад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки моҳияти мафҳуми «Пешвои миллат» ва таносуби он бо мафҳумҳои дигари ифодакунандаи роҳбарии сиёсӣ, заминаҳои таърихию сиёсии ташаккули ниҳоди Пешвои миллат ва хусусияти он, ҳамзамон инъикоси мазмуни идеяи миллӣ ва ниҳоди Пешвои миллат дар низоми идоракунии ҳаёти ҷамъиятиро мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор диҳад ва таъсири бевоситаи онро ба низоми идоракунии ҳаёти сиёсӣ нишон диҳад.

Боби дуюми диссертатсия ба мавзуи институти Пешвои миллат ҳамчун навгонӣ дар низоми сиёсии Тоҷикистон бахшида шуда, муаллиф дар он масъалаҳои нақши Пешвои миллат дар таъмини суботи сиёсӣ ва Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат ва татбиқи барномаҳои стратегии рушди давлат ва саҳми Пешвои миллат дар ҳалли проблемаҳои глобалиро мавриди таҳқиқи илмию таҳлилӣ қарор додааст.

Муаллифи рисола бо истифода аз сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ адабиёти соҳавӣ ба хулосаю натиҷаҳои асоснок мавзуи ташаккули институти Пешвои миллат дар системаи идоракунии давлатиро дар шароити Тоҷикистон баррасӣ ва таҳлил намудааст. Рисолаи анҷомдодашуда бо сатҳи баёни дақиқ ва мантиқи ифодаи саҳеҳ навишта шуда, хулосаҳои аз ҷониби муаллиф пешкашгардида, барои рушди соҳа зарур ва саривақтӣ мебошанд. Тафсири бамавриди маводҳои барои таҳқиқ нигаронидашуда, ҷиҳати ироаи хулосаҳо, мулоҳизаҳои илмӣ ва натиҷагирии рисола нақши муассир гузоштаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Диссертатсияи мазкур дорои аҳамияти баланди илмию назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада метавонанд, ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи институти Пешвои миллат, мактаби сиёсии Эмомалӣ Раҳмон, дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, барои хизматчиёни давлатӣ ҳангоми бурдани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, судманд бошанд. Маводҳои пешниҳодгардида ҳангоми таҳияи маҷмуи корҳои тарғиботӣ, идеологӣ ва амалӣ миёни аҳолӣ оид ба нақшу мақоми Пешвои миллат дар бунёди давлатдории навин, ташаккули симои мусбати давлат, ҳалли мушкилоти соҳавӣ ва болобарии сатҳи некӯаҳволии омма дар Тоҷикистон метавонанд истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нашри натиҷаҳои диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, мувофиқат менамояд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳои

илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ нашр гардидаанд мазмуну моҳияти диссертатсияро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия ва автореферати он мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, № 3 тасдиқ шудааст таҳия гардидааст. Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, феҳристи интишороти довталаб иборат аст.

Хулоса, муаллиф, ба ин таҳқиқоти муҳим бо ҷиддият муносибат намуда, паҳлуҳои гуногуни онро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Вазни илмӣ ва сатҳи таҳлилии бобҳои диссертатсия баробар буда, ба таври умумӣ, кори ироашуда, ягона мебошад. Миёни бобҳои таҳқиқот пайванди зарурии мантиқӣ ва умумияти дастгоҳӣ ба вуҷуд оварда шудааст, яъне чунин сохтор доштани диссертатсия бисёр мувофиқи мақсад аст. Бинобар ин, таҳқиқотии илмии мазкурро метавон ҳамчун кори ягонаи анҷомшуда пазируфт.

**Норасоӣ ва эродҳо.** Дар баробари дастовардҳои илмию таҳлилии диссертатсия баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Аз назари мо, муаллиф падидаи «Пешвои миллат»-ро асосан аз дидгоҳи илмҳои сиёсӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бо вуҷуди арзишманд будани чунин назария, дар кор ба ҷанбаҳои психологияи сиёсӣ таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир нашудааст. Хуб мебуд, дар доираи таҳқиқот хусусияти психологияи сиёсии сарварӣ, аз ҷумла таъсири шахсият ба шуури сиёсӣ ва рафтори оммавӣ, харизматикӣ, мавриди омӯзиши алоҳида қарор мегирифтанд ва ин ҷанбаҳо барои фаҳмиши таъсири роҳбар ба субот ва устувории системаи сиёсӣ амиқтар таҳлил мешуданд.

2. Баъзе тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот, ки муаллиф пешниҳод кардааст, умумӣ буда, механизмҳои татбиқи онҳо ба таври муфассал таҳлил нашудаанд. Хуб мебуд, ки пешниҳодҳо бо роҳҳои амалӣ ҳамоҳанг карда шаванд, то арзиши татбиқшавии таҳқиқот баланд гардад.

3. Дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд, ки онҳо мазмун ва арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи номзадии Р.А. Қурбонова таҳқиқоти аз назари илмӣ асоснок ва анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасоиҳои зикршуда арзиши илмии онро коста намегардонад.

Дар як хулосаи умум, метавон гуфт, ки диссертатсияи Қурбонова Руқия Атоевна «Ташаккули институти Пешвои миллат дар системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ аз ҷиҳати услуб, сохтор ва сатҳи баррасии

мавзуъ мутобиқ ба талаботи рисолаҳои илмӣ анҷом дода, ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда ба таври пурра иҷро гардидаанд. Диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия Қурбонова Руқия Атоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

**Муқаррризи расмӣ,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
мудири кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Нуриддин П. Р.

Имзои П. Р. Нуриддинро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Мустафозода А.

03.02.2025